## ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Амонова Дилором Абдувахидовна дар мавзӯи «Роҳҳои мукамалгардонии идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050900- молия**

Амонова Дилором, 2-юми декабри соли 1983 таваллуд шудааст. Баъди хатми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2018 ба ҳайси докторанти доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯи ихтисос дар кафедраи менеҷменти молиявии факултети молиявию иқтисодии донишгоҳи мазкур  аспирантураи худи ҳамин донишгоҳ дохил шудааст. Ҳангоми таҳсил дар докторантура тадқиқоти илмии худро дар мавзӯи «Роҳҳои мукамалгардонии идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» шӯруъ кард. Дар ин муддат асосҳои назарияи таҳқиқоти илмӣ, усулҳои он, назарияи молия ва менеҷменти молиявиро азхуд намуда, таҳқиқоти илмиро ба анҷом расонид. Амонова Дилором ҳангоми таҳсил ба ҳайси докторанти доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯи ихтисос худро ба сифати муҳаққиқи навқадами боғайрат, ташаббускор ва санҷидакор нишон дода тавонист. Дар ҷараёни таҳсил имтиҳонҳои ихтисосро дар вақти муайяншуда бо баҳои аъло супорид ва дар чорабиниҳои илмию методии факултет, семинар ва конфронсҳои дохилидонишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ бо маърӯзаҳо иштирок намуд.

Амонова Дилором дар тули ҳамин солҳо гузаронидани лоиҳаи тадқиқотӣ оид ба мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ аз адабиётҳои ватаниву хориҷӣ ва таҷрибаи амалии Вазорати молия ва дигар сохторҳои давлатӣ маълумоти назариявӣ ва амалии мавҷударо зери таҳқиқ қарор дода, хулосаҳои дахлдорро доир ба ин масъала дар диссертатсия ҷой додааст. Ӯ дар ҷамъоварии маводи зарурӣ ва таҳқиқи он иштироки бевосита карда, аз натиҷаи таҳқиқот мақолаҳоро нашр намудааст.

Мавзӯи диссертатсия дар алоқамандӣ бо нерӯи илмию эҷодӣ ва дараҷаи ҳавасмандию ақидаронии Амонова Дилором мувофиқ интихоб шудааст. Аз ин ҷост, ки докторант тавонистааст дар гузориш ва натиҷагирӣ аз мақсад, вазифа ва унсурҳои навгонии илмии худ муваффақ шавад.

Диссертатсия дар мавзӯи мубрам анҷом дода шуда, ҳамчун кори илмии бaанҷомрасида ба ҳисоб меравад ва докторант кӯшиш намудааст, ки дар барасмиятдарории он талаботи тасдиқкардаи

Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя кунад.

Дар ниҳоят татбиқи ҳавасмандонаи фаъолияти илмию татдқиқотӣ имконияти расидан ба мақсад ва ҳали вазифаҳои дар назди тадқиқот гузошташуда ба унвонҷӯ муясар гардидааст. Инчунин Амонова Дилором вобаста ба мавзӯи интихобнамудаи худ 4-мақолаи аз ҷониби Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшударо ба нашр расонидааст.

Хулосаҳо ва пешниҳодоти дар диссертатсия овардашуда барои мукаммалгардонии раванди идораи молияи давлатӣ, раванди буҷетикунонӣ ва истифодаи усулҳои муосири таҳия ва татбиқи буҷет дар ҳамаи сатҳҳо аҳамиятнок мебошад.

Докторант дар ҷараёни пешбурди фаъолияти илмию тадқиқотӣ худро ҳамчун мутахассиси таҳлилгар, дороии малакаи баланди касбии дарёфт ва ҳалкунандаи мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ нишон дода, ҷиҳати соҳиб шудан ба унвони номзади илмҳои иқтисодӣ сазовор аст.

Диссертатсияи Амонова Дилором дар мавзӯи «Роҳҳои мукамалгардонии идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо шиносномаи ихтисоси 6D050900- молия, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дараҷаи номзади илм аз рӯи ихтисос мебошад.

**Роҳбари илмӣ: н.и.и., дотсент** **Солеҳзода А.А.**

имзои / подпись Солеҳзода А.А.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

06.09.2022